«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат
профессор Ф.Обидов
_______________
«12» 04 2019 г.

# ХУЛОСАИ
## Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат

Диссертатсия дар мавзӯи "Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар кафедраҳои "Назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ" ва "Идораи давлатӣ ва маҳаллӣ"-и Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат иҷро гардид.

Унвонҷуй Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло ба ҳайси муаллими кафедраи Назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат кор мекунад.

Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло факултаи математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикиситон ба номи С, Айниро хатм намудааст.

**Роҳбари илмӣ:** д.и.и., профессор Мирсаидов Аброр Бобоевич - муовини Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Тоҷикистон.

Мавзӯи рисолаи диссертатсионии Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат аз "31" январи соли 2017, протоколи №15 тасдиқ гардидааст.

Аз рӯи натиҷаҳои дида баромадани диссертатсияи "Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

1. **Баҳои кори иҷрошуда.** Рисолаи диссертатсионии Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дар мавзӯи "Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба мавзӯи мубрам бахшида шудааст, бо забони илмӣ хуб навишта шудааст, таҳқиқоти тахассусии ба анҷом расонидашударо ифода менамояд, мақсади кор ба даст омадааст, масъалаҳо дар мувофиқат ба услубҳои интихобшуда ҳал гардидаанд, хулосаҳо ва пешниҳодҳо асоснок карда шуданд.

2. **Иштироки шахсии унвонҷӯй дар бадастоварии натиҷаҳои диссертатсия.**

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсадҳои предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки

истифодаи онҳоро барои такмилдиҳии системаи шарикии иҷтимоӣ имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

**3. Дараҷаи дурустии натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда.**

Асоснокӣ ва дурустии натиҷаҳои ба дастомада дар вақти гузаронидани таҳқиқот бо муносибати системавии методологӣ, консепсияи илмии ташхиси иқтисодӣ, такякунӣ ба усулҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот, инчунин таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ таъмин гардидааст. Барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда усулҳои таҳлили системавӣ, коркарди омории маълумотҳо, усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва ташхисӣ, инчунин тарзҳои ҷадвалӣ ва графикии пешниҳоди маълумотҳо истифода гардидаанд.

**4. Навоварии илмии таҳқиқот** аз таҳлили асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди институтҳои шарикии иҷтимоӣ ва коркарди асосҳои илмии меъёрҳои арзёбӣ ва механизмҳои рушди шарикии иҷтимоӣ, ки ба рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд, иборат мебошад. Дар поён натиҷаҳои асосии таҳқиқот оварда мешаванд, ки онҳо дар худ навоварии илмӣ доранд:

- моҳияти мафҳуми "шарикии иҷтимоӣ" ҳамчун категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ доир ба рӯи кор омадани арзишҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар муносибати молумулкӣ ва мубодилоти манфиатҳои иҷтимоию моддӣ муайян гардидааст;
- сохтор ва робитаи мутақобилаи институтҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамчун асоси институтсионалии рушди шарикии иҷтимоӣ муайян гардида, алоқамандии робитаҳои институтсиоанлии рушди иқтисодии шарикии иҷтимоӣ ва сармояи иҷтимоӣ муқаррар карда шуданд;
- ба сифати асосҳои назарӣ ва методологии омӯзиши шарикии иҷтимоӣ истифодаи равишҳои институтсионалӣ пешниҳод мегардад, ки аз вобастагии тарафи иҷтмоиву технологии раванди истеҳсолии субъектҳои иқтисодӣ бармеояд. Муайян карда шудааст, ки дар замони муосир шарикии иҷтимоӣ ҳамчун усули мувофиқати манфиатҳои гурӯҳҳои гуногун ва институтҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳангоми ҳалли зиддиятҳои бавуҷудомада дар низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ баромад менамояд;
- дар асоси таҳлили хусусиятҳои шарикии иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ такя ба равиши институтсионалӣ муайян карда шуд, ки баъди гузаронидани ислоҳоти бозоргонӣ хусусиятҳои меъёри рафтори иштирокчиёни системаҳои шарикии иҷтимоӣ бо меъёрҳои қабулнамудаи кишварҳои дорои иқтисодиёти муосири бозорӣ мувофиқат намекунад ва "қапқони институтсионалӣ" бештар рушди иқтисодиёти соягӣ (теневая экономика) ба шумор меравад;

- нақши асосии муносибатҳои моликият дар рушди шарикии иҷтимоӣ асоснок карда шуд; шарҳи муҳтавои шарикии иҷтимоӣ ҳамчун яке аз институтҳои системаҳои умумии ҳизфи ҳуқуқи молумулки шахсӣ дар самти муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ пешниҳод гардид, ки таҳияи он ҷиҳати ба даст овардани ризояти иштирокдорони муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар асоси рушди устувори иқтисодиёт нигаронида шудааст;
- хусусияти робитаҳои институтсионалӣ миёни муносибатҳои моликият, шарикии иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда ва таҳлили сабабҳои ба миён омадани зиддиятҳои функсияҳои тасарруф, тақсимот, истифода ва азхудкунии захираҳо аз нуқтаи назари рафтори институтсионалӣ таъсиф дода шуд;
- асосҳои методологӣ ва методикаи арзёбии таъсири сатҳи инкишофи шарики иичтимоӣ ба рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ таҳия гардиданд; робитаи мутақобила ва вобастагии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат нишон дода шуд, ки параметрҳои сифатию миқдории самаранокии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳолати соҳаҳои фаъолиятро дар сатҳи миллӣ, соҳаҳо ва минтақаҳо муайян менамояд. Омилҳое, ки вобастагии иҷтимоии ташаккулдиҳандаи рушди иқтисодиро муайян менамояд ва бо системаи ҳадафҳои дарозмуддати рушди он алоқаманд аст, муайян ва мазмунан кушода шуданд;
- муносибатҳои консептуалӣ ба рушди шарикии иҷтимоӣ таҳия гардида, принсипҳои методии ташкили системаҳои идоракунии шарикии иҷтимоӣ дар самти иҷтимоии фаъолияти субъектҳои бахши хусусии иқтисодиёт пешниҳод гардиданд, пешниҳодҳо оид ба рушди институтҳои алоҳидаи шарикии иҷтимоӣ таҳия карда шуданд. Шакли ягонаи системаи арзёбии рушди масъулияти иҷтимоӣ (таҳияи базаи методологии муқоисаи саҳми корхонаҳо дар рушди ҷомеа; кор карда баромадани шакли ягонаи системаҳои ҳисоботдиҳӣ оид ба масъулияти иҷтимоӣ; асоснок намудани сатҳи масъулияти иҷтимоии соҳибкорӣ) пешниҳод гардид

**5. Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** бо имконияти истифодаи хулосаҳои мухтасар ва пешниҳодҳо барои мукаммал намудани ташкили ҳамкориҳои мутақобилаи мақомотҳои давлатӣ, иттифоқҳои касаба, корфармоён дар сатҳҳои гуногун дар ташаккули сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар самти муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Методҳо ва қоидаҳои дар таҳқиқи диссертатсионӣ таҳиягардида мумкин аст аз ҷониби роҳбарони корхонаҳо, кормандони дастгоҳи мақомотҳои

маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои иттифоқҳои касаба ҳангоми омода намудани лоиҳаи татбиқи низоми шарикии иҷтимоӣ истифода карда шаванд.

Маълумотҳои диссертатсияро мумкин аст дар протсесси омӯзиши донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои “Назарияи иқтисодӣ”, “Иқтисодиёти миллӣ” ва ғ. истифода намуд.

**6.Мувофиқат намудани мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси интихобшуда.** Рисолаи диссертатсионии Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дар мавзӯи “Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар мувофиқат бо фаслҳои зерини Шаҳодатномаи рӯйхати ихтисосҳои кормандони илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисоси 0800.01-назарияи иқтисодӣ иҷро гардидааст: Зербандҳои 1.1. Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонуниятҳои рушди муносибатҳои иқтисодӣ; моликият дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; назарияи механизми хоҷагидорӣ ва рушди он: принсипҳо, тамоюлҳо ва хусусиятҳо; қонуниятҳои таҳавуллоти низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; гуманизатсияи рушди иқтисодӣ; 1.2. Алоқамандии некуаҳволии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ. 1.4.Назарияи иқтисодии институтсионалӣ ва таҳавуллотӣ: назарияи иқтисодиёти гузаранда ва дигаргуншавии (трансформатсия) низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; интихоби иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

**Пуррагии баёни маводҳои диссертатсия дар мақолаҳои илмии чоп намудаи муаллиф.** Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар маърӯзаи конференсияҳои, ҷумҳуриявӣ, илмӣ-назарӣ ва илмӣ-амалӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии аспирантҳо, унвонҷӯйҳо ва докторантҳои Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат арзёбӣ шуданд.

Маводи таҳқиқи диссертатсионӣ ҳангоми омода намудани китоби дарсӣ ва омӯзиши фанҳои “Шарикии иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии коргарон”, “Иқтисодиёти меҳнат (иқтисодиёти муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ)” дар Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат истифода карда шуданд.

**Нашрия.** Мувофиқи маводҳои таҳқиқи диссертатсионӣ 4 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 4 варақи нашр, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳое нашр карда шудаанд, ки аз тарафи Комиссияи олии атестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нашри маводҳои диссертатсионӣ, барои дарёфти дараҷаи доктори илм тахияшуда пешниҳод шудааст.

**Рӯйхати корҳои чопшуда аз рӯи мавзӯи диссертатсия:**

1. Развитие параметров социальной ответственности субъектов экономики малого бизнеса в Республике Таджикистан // Вестник.

Таджикистан и современный мир. Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан №6. 2016 год. - 177-185.
2. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-меҳнатии рушди иқтисодӣ.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №2 Душанбе -2018. - 170-176.
3. Заминаҳои ташаккули институтҳои шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон №2 (27) - 2019, Маҷаллаи илмӣ. -69-78

Рисолаи диссертатсионии Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дар мавзӯи "Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои ҳимоя, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ бо ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъали додашуда 24 нафар дар маҷмӯъ иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор - 24
зид - нест
бетараф - нест

Хулоса дар ҷаласаи кафедраҳои "Назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ" ва "Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ "-и Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат аз 05.03.2019 сол, протоколи №1 бароварда шудааст.

**Раис:**
**Мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ, н.и.и., дотсент** **Алишоев Х.**

**Мудири кафедраи идораи давлатӣ ва маҳаллӣ, н.и.и., дотсент** **Исломова З.С.**

**Имзоҳои Алишоев Х.Ҳ. ва Исломова З.С.-ро тасдиқ мекунам**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ДСХ** **Вазиров М.**